# من خلقني؟ ولماذا؟

# Маро кӣ ва барои чи офаридааст?

## Маро кӣ ва барои чи офаридааст?

### Тамоми офариниш далолат бар вуҷуди Офаридгор мекунад.

Замину осмонҳо ва дигар махлуқоти бузурги бешумор, ки миёни ин ду вуҷуд дорад кӣ офаридааст?

Ин низоми дақиқ ва мукаммал дар замину осмонро кӣ офаридааст?

Кӣ инсонро офарид ва ба ӯ шунавоӣ, биноӣ ва ақл ато кард ва дар касби илм ва дарки ҳақоиқ тавоно сохт?

Ин кори дақиқ дар системаи бадани худ ва дигар махлуқоти зиндаро чи гуна тавзеҳ медиҳед? Кӣ онро офаридааст?

Чигуна ин олами бузург бо қавонине, ки муддати тӯлонӣ онро танзим мекунад мустақар ва пойдор аст?

Кӣ системаҳое, ки ин ҷаҳон (зиндагӣ, марг, дубора зинда шудан, шабу рӯз, тағйири фаслҳо ва ғайра)-ро идора мекунад, гузоштааст?

Оё ин ҷаҳони бузург худро офаридааст? Ё аз ҳеҷ ба вуҷуд омадааст? Ё пайдоиши он тасодуфӣ аст?

Чаро инсон ба вуҷуди чизҳое, ки намебинад бовар дорад? Монанди: (дарк, ақл, рӯҳ, эҳсосот ва муҳаббат) оё ба далели он нест, ки осори онҳоро мебинад? Пас чӣ гуна инсон бо дидани осори махлуқот ва осори санъат ва раҳмат

Офаридгори ин олами бузургро метавонад инкор кунад?

Агар ба касе гуфта шавад, ки касе ин хонаро бино накардааст ва ё аз ҳеҷ ба вуҷуд омадааст, ҳаргиз намепазирад. Пас чигуна баъзе аз мардум вақте гуфта шавад ин ҷаҳони бекарона бидуни Офаридгор ба вуҷуд омадааст, мепазиранд? Чигуна як фарди оқил вақте ба ӯ гуфта шавад системаи дақиқ ва муназзами коинот ба таври тасодуфӣ ба вуҷуд омадааст, мепазирад?

Худованд мефармояд:

(أَمۡ خُلِقُواْ مِنۡ غَيۡرِ شَيۡءٍ أَمۡ هُمُ ٱلۡخَٰلِقُونَ، أَمۡ خَلَقُواْ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَۚ بَل لَّا يُوقِنُونَ).

"Оё онон аз ҳеҷ офарида шудаанд ё худ офаринандаи хешанд? Оё онон осмонҳо ва заминро офаридаанд? [На] Балки онон яқин надоранд [ки Аллоҳ таоло офаринандаи мутлақ аст]" (Сураи Тур: 35-36)

## Аллоҳ субҳонаҳу ва Таъоло

Танҳо як Офаридагор ва Парвардигор вуҷуд дорад ва дорои номҳо ва сифатҳои зиёд ва бузург аст, ки далолат ба камоли Ӯ Таъоло мекунанд, аз ҷумла: Офаридгор, Меҳрубон, Рӯзидиҳанда, Карим ва “Аллоҳ”, ки машҳуртарин номе аз номҳои Худованди Мутаъол аст. Аллоҳ яъне: танҳо Ӯ сазовор ва шоистаи парастиш аст ва шарике надорад.

Аллоҳ Таъоло дар Қуръони карим мефармояд:

﴿قُلۡ هُوَ ٱللَّهُ أَحَدٌ * ٱللَّهُ ٱلصَّمَدُ *لَمۡ يَلِدۡ وَلَمۡ يُولَدۡ *وَلَمۡ يَكُن لَّهُۥ كُفُوًا أَحَدُۢ﴾

[Эй Паёмбар] Бигӯ: «Ӯ Аллоҳ Таъоло яктост.

Аллоҳ Таъоло бениёз аст [ва ҳама ниёзманди Ӯ ҳастанд]

На [фарзанде] зода ва на зода шудааст.

Ва ҳеҷ кас ҳаммонанд ва ҳамтои Ӯ набуда ва нест» (Сураи Ихлос: 1-4)

Худованд мефармояд:

﴿اللَّهُ لا إِلَهَ إِلَّا هُوَ الْحَيُّ الْقَيُّومُ لا تَأْخُذُهُ سِنَةٌ وَلا نَوْمٌ لَهُ مَا فِي السَّمَوَاتِ وَمَا فِي الأَرْضِ مَنْ ذَا الَّذِي يَشْفَعُ عِنْدَهُ إِلَّا بِإِذْنِهِ يَعْلَمُ مَا بَيْنَ أَيْدِيهِمْ وَمَا خَلْفَهُمْ وَلا يُحِيطُونَ بِشَيْءٍ مِنْ عِلْمِهِ إِلَّا بِمَا شَاءَ وَسِعَ كُرْسِيُّهُ السَّمَوَاتِ وَالأَرْضَ وَلا يَئُودُهُ حِفْظُهُمَا وَهُوَ الْعَلِيُّ الْعَظِيمُ﴾

"Аллоҳ Таъоло [маъбуди ростин аст] ҳеҷ маъбуде [ба ҳақ] ҷуз Ӯ нест; зиндаи поянда [ва қоим ба зот] аст; на хоби сабук [ғанаб, пинак] Ӯро фаро мегирад ва на хоби сангин; ончи дар осмонҳо ва замин аст, аз они Ӯст. Кист, ки дар назди Ӯ ҷуз ба фармонаш шафоат кунад?! Гузашта ва ояндаи эшон [бандагон]-ро медонад ва [онон] ба чизе аз илми Ӯ иҳота [ва огоҳӣ] намеёбанд, магар он чи худ бихоҳад. Курсии Ӯ осмонҳо ва заминро дар бар гирифтааст ва нигаҳ доштани онҳо бар Ӯ [сангину] душвор нест ва Ӯ баландмартаба [ва] бузург аст." (Сураи Бақара:: 255)

## Сифатҳои Парвардигор субҳонаҳу ва Таъоло:

Парвардигор ҳамон аст, ки заминро офарид ва онро ҳамвор гардонид ва барои зиндагии махлуқот мувофиқ сохт. Ӯ осмонҳо ва махлуқоти бузург, ки дар осмонҳо аст офарид, моҳу хуршед ва шабу рӯзро ба ин низоми дақиқ қарор дод, ки шаҳодат ба бузургии Ӯ Таъоло медиҳад.

Худованд ҳамоне аст, ки барои мо ҳавоеро, ки бидуни он зинда наметавон монд, фароҳам сохт, Ӯ барои мо боронро фиристод ва баҳру дарёҳоро дар ихтиёри мо гузошт, Ӯст, ки вақте дар раҳми модар танҳо як ҷанин ва махлуқи нотавон ҳастем ғизо медиҳад ва ҳифз мекунад, Ӯ Таъолост, ки аз таваллуд то вафот хунро дар рагҳои мо ҷорӣ мекунад ва қалбҳои моро аз таваллуд то марг пайваста дар тапиш нигоҳ медорад.

Худованд мефармояд:

﴿وَاللَّهُ أَخْرَجَكُمْ مِنْ بُطُونِ أُمَّهَاتِكُمْ لَا تَعْلَمُونَ شَيْئًا وَجَعَلَ لَكُمُ السَّمْعَ وَالْأَبْصَارَ وَالْأَفْئِدَةَ لَعَلَّكُمْ تَشْكُرُونَ﴾

"[Эй мардум] Аллоҳ Таъоло шуморо аз шиками модаронатон хориҷ намуд, дар ҳоле ки ҳеҷ чиз намедонистед; ва бароятон гӯшу чашм ва дил [-у ақл] падид овард [то қудратҳои илоҳиро дарк кунед]; бошад, ки сипос гузоред" (16/78)

## Парвардигоре, ки мавриди ибодат қарор мегирад бояд дорои сифатҳои камол бошад

Худованд ба мо хирад ато фармуд то ба азамату бузургии Ӯ пай бибарем ва дар мо фитрате талқин намуд, ки далели камоли Ӯст ва наметавон бекамолиро ба Ӯ Таъоло нисбат дод.

Бояд танҳо Ӯ Таъоло ибодат карда шавад, зеро Ӯ комил ва сазовори ибодат аст, ва ҳар чизе ғайр аз Ӯ ибодат карда шавад, ботил ва фаношаванда аст.

Маъбуд (Илоҳ) набояд инсон, бут, дарахт ва ё ҷондори дигар бошад.

Сазовори инсони оқил нест, ки ғайри Парвардигори соҳиби камолро ибодат кунад. Чигуна инсон махлуқе пасттар аз худро маъбуд қарор медиҳад?!

Ғайри мумкин аст, ки Парвардигор мисли як ҷанин дар шиками зан бошад ва мисли тифл таваллуд шавад!

Худованд аст, ки хилқатро офарид ва зери қудрат ва дар қабзаи Ӯст, касе наметавонад ба Ӯ осеб бирасонад ва ё ба Ӯ шиканҷа ва таҳқир кунад ва ё Ӯро ба салиб биовезад.

Худованд миранда нест.

Худованд фаромӯш намекунад, хоб намеравад, ғизо намехурад ва Ӯ зоти бузург аст, ки сазовори доштани ҳамсар ва фарзанд нест.

Офаридгор дорои сифоти бузург аст ва наметавон Ӯро ба ниёзмандӣ ва адами камол васф кард. Тамоми нусусе, ки хилофи азамат ва бузургии Офаридагор ҳастанд ва ба паёмбарон нисбат дода мешаванд, матни таҳрифшуда ва аз ваҳйи ростини Мусо, Исо ва дигар паёмбарон (Алайҳимус-салоту вас-салом) нестанд.

Худованд мефармояд:

يَا أَيُّهَا النَّاسُ ضُرِبَ مَثَلٌ فَاسْتَمِعُوا لَهُ إِنَّ الَّذِينَ تَدْعُونَ مِنْ دُونِ اللَّهِ لَنْ يَخْلُقُوا ذُبَابًا وَلَوِ اجْتَمَعُوا لَهُ وَإِنْ يَسْلُبْهُمُ الذُّبَابُ شَيْئًا لَا يَسْتَنْقِذُوهُ مِنْهُ ضَعُفَ الطَّالِبُ وَالْمَطْلُوبُ (73) مَا قَدَرُوا اللَّهَ حَقَّ قَدْرِهِ إِنَّ اللَّهَ لَقَوِيٌّ عَزِيزٌ (74)

"Эй мардум, [дар бораи нотавонии бутҳо] масале зада шудааст, пас ба он гӯш диҳед: Касонеро, ки ба ҷойи Аллоҳ Таъоло [ба парастиш] мехонед, ҳаргиз наметавонанд магасеро биёфаринанд, ҳатто агар [ҳамагӣ] барои ин [кор] ҷамъ шаванд. Ва агар он магас чизе аз онон бирабояд, наметавонанд онро бозпас гиранд. [Оре] Хостор ва хоста [бут ва магас] ҳар ду нотавонанд"

[Онон] Аллоҳро чунон ки сазовори [бузургдошти] Ӯст, нашинохтаанд. Бе тардид, Аллоҳ Таъоло нерӯманди шикастнопазир аст" (22/73-74)

## Оё мумкин аст Офаридагор моро бидуни ваҳй гузорад?

Оё мумкин аст Худованд ҳама ин офаринишро беҳадаф халқ кунад? Оё Худованд,

ки Ҳаким ва Доно аст ҳама инро беҳуда офаридааст?

Оё мумкин аст Парвардигоре, ки моро бо ин ҳама маҳорат ва диққат офарида ва ончи дар осмонҳо ва замин аст дар хидмати мо қарор додааст, моро бидуни ҳадаф офаридааст ва ё моро бидуни посух ба муҳимтарин пурсишҳое ки зеҳни моро машғул сохтааст, раҳо созад? Пурсишҳое ба монанди: мо барои чи дар ин дунё ҳастем? Пас аз марг чи хоҳад шуд? Ҳадаф аз офариниши мо чист?

Худованд паёмбаронро фиристод, то ҳадаф аз вуҷуди худро бидонем ва бидонем, ки Парвардигор аз мо чи мехоҳад!

Худованд паёмбаронро фиристод, то моро огаҳ намоянд, ки танҳо Ӯ Таъоло сазовори парастиш аст, чигуна Ӯро ибодат кард, аз авомир ва навоҳӣ моро хабар диҳанд, арзишҳои некро ба мо биомӯзанд, ки агар ба онҳо риоя кунем, бароямон зиндагии пур аз некӣ ва баракат хоҳад буд.

Аллоҳи Мутаъол паёмбарони зиёд, аз ҷумла (Нӯҳ, Иброҳим, Мӯсо ва Исо)-ро фиристод ва ба ҳамаи онҳо мӯъҷиза ва нишонаҳо дод, то далолат бар сидқ ва аз ҷониби Худованд будани онҳо кунад.

Вопасини паёмбарон Муҳаммад (Саломy дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) аст, ки Худованд Қуръони каримро бар ӯ нозил фармуд.

Паёмбарон ба таври возеҳу равшан ба мо хабар додаанд, ки зиндагии ин дунё як озмоиш ва зиндагии ростин пас аз марг.

Барои мӯъминон, ки Худои ягона ва бешарикро ибодат намуданд ва ба тамоми паёмбарон имон оварданд, биҳишти ҷовидонӣ, ва барои касоне, ки ба Ӯ Таъоло шарик қарор доданд ва ё ба яке аз паёмбарони Аллоҳ куфр варзиданд, оташи дӯзах хоҳад буд.

Худованд мефармояд:

يَابَنِي آدَمَ إِمَّا يَأْتِيَنَّكُمْ رُسُلٌ مِنْكُمْ يَقُصُّونَ عَلَيْكُمْ آيَاتِي فَمَنِ اتَّقَى وَأَصْلَحَ فَلَا خَوْفٌ عَلَيْهِمْ وَلَا هُمْ يَحْزَنُونَ (35) وَالَّذِينَ كَذَّبُوا بِآيَاتِنَا وَاسْتَكْبَرُوا عَنْهَا أُولَئِكَ أَصْحَابُ النَّارِ هُمْ فِيهَا خَالِدُونَ (36)

"Эй фарзандони Одам, агар паёмбароне аз худи шумо [наздатон] биоянд, ки оёти Маро бароятон бихонанд, [аз он пайравӣ кунед] пас, онон, ки парҳезгорӣ намоянд ва [рафторҳои гузаштаро] ислоҳ кунанд, на тарсе хоҳанд дошт ва на андӯҳгин мешаванд. (35)

Ва касоне, ки оёти Моро дурӯғ мепиндоранд ва дар баробараш [гарданкашӣ ва] такаббур меварзанд, аҳли дузаханд ва ҷовидона дар он хоҳанд монд" (36)

(7/35-36)

Ӯ субҳонаҳу ва Таъоло мефармояд:

﴿ أَفَحَسِبْتُمْ أَنَّمَا خَلَقْنَاكُمْ عَبَثًا وَأَنَّكُمْ إِلَيْنَا لَا تُرْجَعُونَ ﴾

"Оё пиндоштаед, ки шуморо беҳуда офаридаем ва ба сӯйи Мо бозгардонида намешавед?" (23: 115)

## Қуръони Карим

Қуръони Карим каломи Аллоҳи Мутаъол аст, ки бар охирин Паёмбар Муҳаммад (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) нозил шудааст. Қуръони Карим бузургтарин муъҷизае аст, ки бар сиҳати нубуввати Муҳаммад (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) далолат мекунад. Аҳкоми Қуръон ҳақ ва ахбори он ростин аст. Худованд мункирони Қуръонро ба чолиш кашидааст, ки як сурае монанди он биёваранд, аммо ба сабаби зебоии сабк ва маҳорати каломи он натавонистанд онро анҷом диҳанд. Қуръони Карим шомили шавоҳиди ақлӣ ва ҳақоиқи илмии фаровоне аст, ки гувоҳӣ медиҳад берун аз тавони башарият аст, балки он каломи Парвардигори башарият субҳонаҳу ва Таъоло аст.

## Чаро шумори паёмбарон зиёд аст?

Аллоҳ Таъоло аз оғози офариниши инсон паёмбаронеро мефиристод то мардумро ба сӯи Парвардигорашон даъват кунанд, дастурот ва навоҳии Ӯ Таъолоро ба онҳо бирасонанд. Даъвати паёмбарон танҳо ба сӯи ибодати Худои ягона буд ва чун уммате оғоз ба тарки ончи паёмбарон оварда буданд мекарданд Худованд

паёмбари дигареро ирсол мефармуд то масири ононро тасҳеҳ кунад ва мардумро ба сӯи тавҳид ва тоъати Парвардигор, яъне ба сӯи фитрати дуруст бозгардонад. Худованд силсилаи паёмбаронро бо биъсати Муҳаммад (Саломy дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) поён бахшид, Паёмбаре ки бо шариати ҷовидонӣ то рӯзи қиёмат барои тамоми башарият фиристода шуд. Шариате, ки ҳазрати Муҳаммад ба он фиристода шуд комилкунанда ва носихи шариатҳои пешин аст ва Худованди Мутаъол то рӯзи қиёмат боқӣ ва ҷовидонии ин шариат ва рисолатро замонат фармудааст.

Бинобарин мо мусалмонон, чунончи Аллоҳ фармудааст, ба ҳамаи паёмбарон ва китобҳои пешин имон дорем.

Худованди Мутаъол мефармояд:

﴿ءَامَنَ ٱلرَّسُولُ بِمَآ أُنزِلَ إِلَيۡهِ مِن رَّبِّهِۦ وَٱلۡمُؤۡمِنُونَۚ كُلٌّ ءَامَنَ بِٱللَّهِ وَمَلَٰٓئِكَتِهِۦ وَكُتُبِهِۦ وَرُسُلِهِۦ لَا نُفَرِّقُ بَيۡنَ أَحَدٖ مِّن رُّسُلِهِۦۚ وَقَالُواْ سَمِعۡنَا وَأَطَعۡنَاۖ غُفۡرَانَكَ رَبَّنَا وَإِلَيۡكَ ٱلۡمَصِيرُ﴾ [2: 285].

"Расул [-и Аллоҳ Таъоло] ба он чи аз [сӯи] Парвардигораш бар ӯ нозил шуд имон овардааст ва муъминон [низ] ҳамагӣ ба Аллоҳ Таъоло ва фариштагону китобҳо ва паёмбаронаш имон овардаанд; [ва суханашон ин аст, ки]: "Миёни ҳеҷ як аз паёмбаронаш [дар имон ба эшон] тафовуте намегузорем" ва гуфтанд: "Шунидем ва итоат кардем.

Парвардигоро омӯрзиши Туро [хоҳонем] ва бозгашти [тамоми умур] ба сӯи Туст"
(2/285)

## Инсон мӯъмин буда наметавонад, магар инки ба ҳамаи паёмбарон имон биоварад.

Паёмбарон ҳама аз ҷониби Худованд фиристода шудаанд ва ҳар касе ба рисолати яке аз онҳо кофир шавад ба ҳамаи онҳо кофир шудааст. Ҳеҷ гуноҳе бузургтар аз ин нест, ки инсон ваҳйи илоҳиро инкор кунад. Барои ворид шудан ба биҳишт ба ҳамаи паёмбарон бояд имон дошт.

Имон овардан ба ҳама паёмбарон дар ин замон бар ҳамагон воҷиб аст ва ин амр ҷуз имон ба вопасин паёмбар Муҳаммад (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) номумкин аст.

Аллоҳ дар Қуръони карим мефармояд, ки агар касе аз имон овардан ба яке аз паёмбарон саркашӣ кунад, куфр ба Аллоҳ варзида ваҳйи Ӯро дурӯғ пиндошта аст.

Ба ояти зер нигоҳ кунед:

"إِنَّ الَّذِينَ يَكْفُرُونَ بِاللَّهِ وَرُسُلِهِ وَيُرِيدُونَ أَنْ يُفَرِّقُوا بَيْنَ اللَّهِ وَرُسُلِهِ وَيَقُولُونَ نُؤْمِنُ بِبَعْضٍ وَنَكْفُرُ بِبَعْضٍ وَيُرِيدُونَ أَنْ يَتَّخِذُوا بَيْنَ ذَٰلِكَ سَبِيلًا أُولَٰئِكَ هُمُ الكافِرُونَ حَقًّا وأَعْتَدْنا لِلْكَفَرِيْنِ عَذابًا مُهِينًا﴾".

"Касоне, ки ба Аллоҳ Таъоло ва паёмбаронаш куфр меварзанд ва мехоҳанд миёни Аллоҳ Таъоло ва паёмбаронаш ҷудоӣ андозанд ва мегӯянд: "Мо ба баъзе имон дорем ва баъзеро

инкор мекунем" ва мехоҳанд дар ин [миён байни куфру имон барои худ] роҳе баргузинанд.

Ононанд, ки ба ростӣ, кофиранд ва мо барои кофирон азоби хоркунандае муҳайё кардаем" (4/150-151)

## Ислом чист?

Ислом яъне: таслим шудан ба Аллоҳ Таъоло аз тариқи тавҳид ва таслим шудан дар баробари Ӯ бо итоат ва пайравӣ аз шариати Ӯ бо ризоят.

Худованд паёмбаронро барои иблоғи як пайғом фиристодааст: даъват ба сӯи ибодати Аллоҳи ягона ва бешарик.

Ислом дини тамоми паёмбарон аст, даъваташон як ва шариаташон мутафовит буд. Имрӯз танҳо мусалмонон касоне ҳастанд, ки бар дини воқеъӣ, ки ҳама паёмбарон овардаанд боқӣ мондаанд ва рисолати ҳақ дар ин замон ҳамон Ислом аст. Парвардигоре ки Иброҳим, Мусо ва Исоро фиристодааст, ҳамон Парвардигор аст, ки охирин паёмбар Муҳаммадро фиристода ва шариати исломро носихи шариатҳои пешин қарор додааст.

Тамоми динҳое ки имрӯз мардум пайравӣ мекунанд, ба ҷуз Ислом, динҳое ҳастанд, ки инсон сохтааст, ё динҳои осмонӣ буданд, ки ба дасти башар таҳриф ва дасткорӣ шуданд, ба гунае, ки омехта аз хурофоту афсонаҳо ва иҷтиҳодоти башарӣ гаштанд. Аммо ақидаи

исломӣ ягона ақидаи возеҳу равшан аст, ки дучори таҳрифу тағйир намешавад, барои мисол Қуръони каримро бубинед, ки дар тамоми рӯи замин як аст.

Худованд дар Қуръони карим мефармояд:

قُلْ آمَنَّا بِاللَّهِ وَمَا أُنْزِلَ عَلَيْنَا وَمَا أُنْزِلَ عَلَى إِبْرَاهِيمَ وَإِسْمَاعِيلَ وَإِسْحَاقَ وَيَعْقُوبَ وَالْأَسْبَاطِ وَمَا أُوتِيَ مُوسَى وَعِيسَى وَالنَّبِيُّونَ مِنْ رَبِّهِمْ لَا نُفَرِّقُ بَيْنَ أَحَدٍ مِنْهُمْ وَنَحْنُ لَهُ مُسْلِمُونَ (84) وَمَنْ يَبْتَغِ غَيْرَ الْإِسْلَامِ دِينًا فَلَنْ يُقْبَلَ مِنْهُ وَهُوَ فِي الْآخِرَةِ مِنَ الْخَاسِرِينَ (85).

"[Эй паёмбар] Бигӯ: "Ба Аллоҳ Таъоло ва он чи бар мо нозил шудааст, имон овардем ва [ҳамчунин ба] он чи бар Иброҳим ва Исмоил ва Исҳоқу Яъқуб ва [паёмбароне, ки аз] наводагон [-и Яқуб буданд] нозил гардидааст ва он чи ба Мӯсо ва Исо ва [дигар] паёмбарон аз ҷониби Парвардигорашон дода шудааст; миёни ҳеҷ як аз онон фарқе намегузорем ва таслими Ӯ ҳастем"

Ҳар кӣ дине ғайр аз ислом баргузинад, ҳаргиз аз ӯ пазируфта нахоҳад шуд ва дар охират аз зиёнкорон аст"

(3/84-85)

## Ақидаи мусалмонҳо дар мавриди Исо (Алайҳис-салом) чист?

Оё медонед мусалмон бояд ба паёмбари Худо Исо имон дошта бошад, ӯро дӯст бидорад, ба ӯ эҳтиром дошта бошад ва ба рисолати ӯ, ки даъват ба ибодати Худованди бешарик аст,

имон биёварад? Мусалмонон муътақиданд, ки Исо ва Муҳаммад, ҳарду паёмбарони Аллоҳ ҳастанд, ки барои ҳидояти мардум ба роҳи Аллоҳ ва роҳи биҳишт фиристода шудаанд.

Мо бар ин боварем, ки Исо алайҳис-салом аз бузургтарин паёмбароне аст, ки Аллоҳ фиристодааст ва муътақидем, ки таваллуди ӯ як муъҷиза буд. Худованд дар Қуръони карим баён намудааст, ки Исоро бепадар офарид, ҳамон гуна, ки Одамро бе падар ва модар ба вуҷӯд овард, зеро Ӯ Таъоло бар ҳама чиз қодир ва тавоност.

Мо низ бар ин боварем, ки Исо на худо аст ва на фарзанди худо, ҳамон гуна, ки ӯ бар салиб овехта нашудааст, балки ӯ зинда аст ва Аллоҳ Таъоло ӯро ба сӯи худ боло бурдааст, то дар охири замон ба унвони як довари одил нозил шавад ва ҳамроҳ бо мусалмонон хоҳад буд, зеро танҳо мусалмонон ба ҳамон тавҳид, ки Исо ва ҳамаи паёмбарон омадаанд, имон доранд.

Худованд дар Қуръони карим ба мо хабар додааст, ки рисолати ҳазрати Исо (Алайҳис-салом) тавассути насрониён таҳриф шудааст ва онҳо гумроҳшудагоне ҳастанд, ки Инҷилро таҳриф ва тағйир додаанд ва ончи Исо нагуфтааст ба он афзудаанд, бинобар ин аст, ки нусхаҳои зиёд ва мутаноқиз дар Инҷил вуҷӯд дорад.

Худованд ба мо мегӯяд, ки Исо Худовандро парастиш мекард ва аз касе нахост ӯро парастиш кунад, балки қавми худро ба ибодати Худованди якто фаро механд, аммо шайтон насрониёнро ба парастиши Исо водор намуд. Худованд дар Қуръон баён фармуданд, ки Худованд касе ғайр аз Ӯ Таъолоро парастиш кунад мавриди мағфират қарор нахоҳад дод. Исо дар рӯзи қиёмат аз касоне ки ӯро ибодат кардаанд безорӣ мекунад ва ба онҳо мегӯяд: шуморо ба ибодати Офаридагор амр намудам ва аз шумо нахостам маро бипарастед, чунончи Ӯ Таъоло мефармояд:

﴿يَٰٓأَهۡلَ ٱلۡكِتَٰبِ لَا تَغۡلُواْ فِي دِينِكُمۡ وَلَا تَقُولُواْ عَلَى ٱللَّهِ إِلَّا ٱلۡحَقَّۚ إِنَّمَا ٱلۡمَسِيحُ عِيسَى ٱبۡنُ مَرۡيَمَ رَسُولُ ٱللَّهِ وَكَلِمَتُهُۥٓ أَلۡقَىٰهَآ إِلَىٰ مَرۡيَمَ وَرُوحٞ مِّنۡهُۖ فَـَٔامِنُواْ بِٱللَّهِ وَرُسُلِهِۦۖ وَلَا تَقُولُواْ ثَلَٰثَةٌۚ ٱنتَهُواْ خَيۡرٗا لَّكُمۡۚ إِنَّمَا ٱللَّهُ إِلَٰهٞ وَٰحِدٞۖ سُبۡحَٰنَهُۥٓ أَن يَكُونَ لَهُۥ وَلَدٞۘ لَّهُۥ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِي ٱلۡأَرۡضِۗ وَكَفَىٰ بِٱللَّهِ وَكِيلٗا﴾

"Эй [масеҳиёни] аҳли китоб, дар дини худ ғулув накунед ва дар бораи Аллоҳ Таъоло ҷуз [сухани] ҳақ нагӯед. Бе тардид, Масеҳ – Исо писари Марям – фиристодаи Аллоҳ Таъоло ва калимаи Ӯст, ки [амр кард: "Бош", пас, бедиранг мавҷӯд шуд ва бад-ин сурат ба амри Аллоҳ Таъоло [Ҷабраил] вайро ба Марям илқо кард ва [Исо] рӯҳе аз ҷониби Ӯст. Пас, ба Аллоҳ Таъоло ва паёмбаронаш имон биёваред ва нагӯед: "[Маъбуд] Сегона аст". [Аз ин сухан] бозистед, ки барои шумо беҳтар аст. Аллоҳ Таъоло танҳо маъбуди ягона аст [ва] аз ин ки барои Ӯ

фарзанде бошад, пок [-у муназзаҳ] аст. Ончи дар осмонҳо ва замин аст, аз они Ӯст ва ҳамин бас аст, ки Аллоҳ Таъоло коргузор [-у муроқиби махлуқот] бошад"

(4/171)

Худованд мефармояд:

(وَإِذْ قَالَ اللَّهُ يَا عِيسَى ابْنَ مَرْيَمَ أَأَنتَ قُلْتَ لِلنَّاسِ اتَّخِذُونِي وَأُمِّيَ إِلَٰهَيْنِ مِن دُونِ اللَّهِ ۖ قَالَ سُبْحَانَكَ مَا يَكُونُ لِي أَنْ أَقُولَ مَا لَيْسَ لِي بِحَقٍّ ۚ إِن كُنتُ قُلْتُهُ فَقَدْ عَلِمْتَهُ ۚ تَعْلَمُ مَا فِي نَفْسِي وَلَا أَعْلَمُ مَا فِي نَفْسِكَ ۚ إِنَّكَ أَنتَ عَلَّامُ الْغُيُوبِ

"Ва [ёд кун аз] ҳангоме ки [рӯзи қиёмат] Аллоҳ Таъоло мефармояд: "Эй Исо – писари Марям, оё ту ба мардум гуфтӣ, ки: "Ману модарамро [ҳамчун] ду маъбуд ба ҷои Аллоҳ Таъоло баргузинед"? [Исо] мегӯяд: "[Бор Илоҳо] Ту муназзаҳӣ, шоиста нест, ки ман [дар бораи хештан] чизе, ки аз ҳаққи ман нест бигӯям. Агар чунин [суханеро] гуфта бошам, бе гумон Ту медонӣ. Ту он чиро, ки дар нафси ман аст, медонӣ ва [-ле] ман он чиро, ки дар зоти [поки] Туст намедонам. Бе тардид, Ту худ донои розҳои ниҳонӣ" (5/116)

Ҳар кӣ наҷот дар охиратро мехоҳад дини Исломро бипазирад ва аз паёмбар Муҳаммад (Саломͧу дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) пайравӣ кунад.

Яке аз ҳақоиқе, ки паёмбарон ва расулон бар он иттифоқи назар доштанд, ин аст, ки дар охират танҳо касоне, ки ба Худои мутаъол имон доранд ва дар ибодат касеро шарики Ӯ

намесозанд ва ба тамоми паёмбарон ва расулон имон овардаанд, наҷот меёбанд. Бинобар ин касоне, ки дар замони Мӯсо буданд ва ба ӯ имон оварданд ва аз таълимоти ӯ пайравӣ карданд, мусулмон ва мӯъмини нек буданд, аммо пас аз биъсати Исо пайравони Мусо бояд ба ӯ имон оваранд ва аз ӯ пайравӣ кунанд. Ҳар кӣ аз имон ба Исо саркашӣ намуд ва гуфт ҳамоно дар дини Мусо мемонам, дигар мӯъмин нахоҳад буд, зеро ӯ аз имон овардан ба паёмбаре ки Аллоҳ фиристод саркашӣ намуд. Ҳамин гуна пас аз он ки Худованд охирини паёмбарон Муҳаммадро фиристод, бояд ҳама ба ӯ имон оваранд, зеро Парвардигоре ки Мусо ва Исоро фиристод, Ӯст, ки низ охирин паёмбар Муҳаммадро фиристод, пас ҳар кӣ ба паёми Муҳаммад (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) кофир шавад ва бигӯяд ман аз Мусо ё Исо пайравӣ мекунам, мӯъмин нест.

Инки касе бигӯяд ба мусалмонон эҳтиром қоилам кофӣ нест ва инки барои наҷот дар охират садақа диҳад ва ба фақирон кӯмак кунад кофӣ нест, балки бояд ба Аллоҳ, ба китобҳо ва расулони Ӯ Таъоло ва ба рӯзи охират имон дошта бошад, то амалҳои нек аз ӯ пазируфта шавад! Гуноҳе бузургтар аз ширк ва куфр ба Аллоҳ, инкори ваҳй, напазируфтани нубуввати охирин паёмбар ҳазрати Муҳаммад (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) нест. Бинобарин яҳудиён ва насрониён, ки аз биъсати Муҳаммад

(Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) огоҳ шуданд ва аз имон ба ӯ саркашӣ намуданд, то абад дар оташи дӯзах хоҳанд монд. Аллоҳ Таъоло мефармояд:

{إِنَّ الَّذِينَ كَفَرُوا مِنْ أَهْلِ الْكِتَابِ وَالْمُشْرِكِينَ فِي نَارِ جَهَنَّمَ خَالِدِينَ فِيهَا ۚ أُولَـٰئِكَ هُمْ شَرُّ الْبَرِيَّةِ}

"Бе гумон, касоне аз аҳли китоб ва мушрикон, ки кофир шуданд, ҷовидона дар оташи ҷаҳаннам хоҳанд монд. Онон бадтарин офаридагон ҳастанд"

(98 / 6)

Пас аз он ки охирин рисолати Худованд ба башарият нозил шуд, ҳар касе аз ин шариат ва охирин паёмбар Муҳаммад (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) мешунавад, бояд ба ӯ имон оварад, аз шариати ӯ пайравӣ кунад, аз наҳй ва авомири он итоат кунад. Бинобарин ҳар кӣ дар мавриди вопасин рисолати осмонӣ огаҳ шавад ва онро напазирад, Худованд ҳеҷ чиз аз ӯ намепазирад ва дар охират гирифтори азоб хоҳад шуд. Худованд мефармояд:

﴿وَمَن يَبۡتَغِ غَيۡرَ ٱلۡإِسۡلَٰمِ دِينٗا فَلَن يُقۡبَلَ مِنۡهُ وَهُوَ فِي ٱلۡأٓخِرَةِ مِنَ ٱلۡخَٰسِرِينَ﴾

"Ҳар кӣ дине ғайр аз Ислом баргузинад, ҳаргиз аз ӯ пазируфта нахоҳад шуд ва дар охират аз зиёнкорон аст".

(3 / 85)

Ва Худованд мефармояд:

(قُلْ يَا أَهْلَ الْكِتَابِ تَعَالَوْا إِلَىٰ كَلِمَةٍ سَوَاءٍ بَيْنَنَا وَبَيْنَكُمْ أَلَّا نَعْبُدَ إِلَّا اللَّهَ وَلَا نُشْرِكَ بِهِ شَيْئًا وَلَا يَتَّخِذَ بَعْضُنَا بَعْضًا أَرْبَابًا مِّن دُونِ اللَّهِ ۚ فَإِن تَوَلَّوْا فَقُولُوا اشْهَدُوا بِأَنَّا مُسْلِمُونَ)

"[Эй паёмбар] Бигӯ: "Эй аҳли китоб, ба сӯи сухане биёед, ки миёни мо ва шумо одилона аст [ва инҳирофе аз ҳақ дар он нест]: ки ҷуз Аллоҳро напарастем ва чизеро [дар қудрату тадбир] бо Ӯ шарик насозем ва бархе аз мо бархи дигарро ба ҷой Аллоҳ Таъоло [ба парастиш] нагиранд". Агар онон [аз ин даъват] рӯй гардонанд, пас, [эй муъминон, ба эшон] бигӯед: "Гувоҳ бошед, ки мо таслим [-и авомири илоҳӣ] ҳастем" ( 3 / 64)

## Барои мусалмон шудан ба чи ниёз дорам?

Барои ворид шудан ба Ислом, бояд ба ин шаш рукн имон дошт:

Имон ба Аллоҳ Таъоло ва инки Ӯ офаридгор, рӯзидиҳанда, тадбиркунанда ва молик аст ва чизе ҳаммонанди Ӯ нест. Ӯро на ҳамсаре аст ва на фарзанд ва танҳо Ӯ Таъоло сазовори ибодат аст.

Имон ба фариштагон, ки онҳо бандагони Аллоҳи бузург ҳастанд ва онҳоро аз нур офарид ва яке аз амалҳои онҳо фуруд овардани ваҳй бар паёмбарон аст.

Имон ба тамоми китобҳое, ки Аллоҳ бар паёмбарон нозил фармуд (ба монанди Таврот ва Инҷил) ва охирин китоб ҳамоно Қуръони карим аст.

Имон ба ҳама паёмбарон, монанди Нуҳ, Иброҳим, Мусо, Исо ва охирини онҳо Муҳаммад, ки ҳамагон аз ҷинси башар буданд ва Ӯ Таъоло ба онҳо ваҳй нозил фармуд ва ба онҳо нишона ва мӯъҷизаҳое дод, ки далели сидқи онҳо гардид.

Имон ба рӯзи қиёмат, ки Худованд дар он рӯз аввалину охиринро зинда мекунад ва миёни махлуқот доварӣ намуда мӯъминонро ба биҳишт ва кофиронро ба дӯзах ворид мекунад.

Имон ба қадар ва инки Худованд ба ҳама чиз доност, ончи буд ва ончи дар оянда хоҳад шудро медонад. Худованд ҳама инро навишта ва зери машияти Худ қарор дод ва ҳама офаринишро Ӯ офарид.

## Ислом роҳи хӯшбахтӣ аст

Ислом дини ҳама паёмбарон аст, на танҳо аз қавми араб.

Ислом роҳи саодати ростин дар дунё ва неъматҳои доимӣ дар охират аст.

Ислом ягона дине аст, ки қодир ба рафъи ниёзҳои рӯҳу ҷисм ва ҳалли тамоми мушкилоти инсон аст.

Худованд мефармояд:

{قَالَ اهْبِطَا مِنْهَا جَمِيعًا بَعْضُكُمْ لِبَعْضٍ عَدُوٌّ فَإِمَّا يَأْتِيَنَّكُمْ مِنِّي هُدًى فَمَنِ اتَّبَعَ
هُدَايَ فَلَا يَضِلُّ وَلَا يَشْقَى وَمَنْ أَعْرَضَ عَنْ ذِكْرِي فَإِنَّ لَهُ مَعِيشَةً ضَنْكًا
وَنَحْشُرُهُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ أَعْمَى

"Фармуд: «[Шумо ду тан хамроҳи Иблис] Ҳамагӣ аз биҳишт фурӯд оед, дар ҳоле ки душмани якдигаред. Агар аз [ҷониби] ман раҳнамуде бароятон расид, [бидонед] ҳар ки аз ҳидоятам пайравӣ кунад, на гумроҳ мешавад ва на [аз азоби дузах] ба ранҷ меафтад.

Ва касе аз ёди Ман рӯйгардон шавад, яқинан зиндагии сахте хоҳад дошт ва рӯзи қиёмат ӯро нобино бармеангезем"

(20/123-124)

## Ман аз ворид шудан ба Ислом чи суде мебарам?

Ворид шудан ба Ислом манфиатҳои зиёде дорад, аз ҷумла:

- Бандаи Аллоҳ будан яъне пирӯзӣ ва иззат дар дунё, вагарна инсон бандаи ҳавову ҳавас ва шайтон мегардад.
- Бузургтарин пирӯзӣ дар охират ин аст ки наҷот аз азоби оташ ва ворид ба биҳишт гардад, ризояти Аллоҳ ва ҷовидонагӣ дар биҳиштро ба даст оварад
- Онон, ки Худованд ба биҳишт ворид мекунад, бадур аз маргу беморӣ, дарду пирӣ ва ғамгинӣ, дар саодати ҷовидонӣ зиндагӣ мекунанд ва ҳар чизе мехоҳанд ба он мерасанд.
- Дар биҳишт неъматҳоест, ки чашм надидааст ва гӯш нашунидааст ва ҳанӯз дар зеҳни касе хутур накардааст.

Далел ва шоҳиди ин ҳама фармудаи Ӯ Таъолост, ки мегӯяд:

﴿مَنۡ عَمِلَ صَٰلِحٗا مِّن ذَكَرٍ أَوۡ أُنثَىٰ وَهُوَ مُؤۡمِنٞ فَلَنُحۡيِيَنَّهُۥ حَيَوٰةٗ طَيِّبَةٗۖ وَلَنَجۡزِيَنَّهُمۡ أَجۡرَهُم بِأَحۡسَنِ مَا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ﴾

"Ҳар кас -аз мард ё зан- ки кори нек кунад ва мӯъмин бошад, ҳатман, ӯро [дар дунё] ба зиндагонии поку писандидае зинда медорем ва [дар охират низ] бар асоси накутарин [тоъат ва] коре, ки мекарданд, ба онон подош медиҳем". (16 / 97)

## Агар дини Исломро напазирам чи чизро аз даст медиҳам?

Инсон дар ҳоли напазируфтани Ислом бузургтарин илму маърифатро, ки ҳамон шинохт ва маърифати Худованд аст, аз даст хоҳад дод. Ӯ имон ба Худоро аз даст медиҳад, ки ба инсон дар дунё амну оромиш ва саодати абадӣ дар охират мебахшад.

Ҳамчунин инсон дастрасӣ ба бузургтарин китобе ки Худованд барои башарият нозил фармудааст ва имон ба ин китоби бузургро аз даст медиҳад.

Ӯ имон бар паёмбарони бузург ва ҳамнишинӣ бо онҳо дар биҳиштро аз даст хоҳад дод ва дар рӯзи қиёмат ҳамнишини шайтону ҷинояткорон ва тоғутиён хоҳад буд, чи ҷойгоҳи бад ва ҳамсоягони баде хоҳад дошт.

Худованд мефармояд:

قُلْ إِنَّ الْخَاسِرِينَ الَّذِينَ خَسِرُوا أَنْفُسَهُمْ وَأَهْلِيهِمْ يَوْمَ الْقِيَامَةِ أَلا ذَلِكَ هُوَ الْخُسْرَانُ الْمُبِينُ (15) لَهُمْ مِنْ فَوْقِهِمْ ظُلَلٌ مِنَ النَّارِ وَمِنْ تَحْتِهِمْ ظُلَلٌ ذَلِكَ يُخَوِّفُ اللَّهُ بِهِ عِبَادَهُ يَا عِبَادِ فَاتَّقُونِ } .

"Бигӯ: «Зиёнкорон [-и воқеӣ] касоне ҳастанд, ки [ба тамаъи дунё] худ ва хонаводаашонро дар растохез ба зиён андохтаанд. Огоҳ бошед, ки ин ҳамон зиёни ошкор аст.

Бар болои сар ва зери пояшон табақоте аз оташ аст. Ин аст он чи Аллоҳ Таъоло бандагонашро аз он метарсонад. Эй бандагони Ман, аз [нофармонии] Ман парво кунед"

(39/15-16)

## Тасмими худро ба таъхир наандозед!

Дунё ҷойгоҳи ҷовидонӣ нест.

Ҳама зебоиҳои дунё аз байн хоҳад рафт ва оташи шаҳватҳо хомӯш хоҳанд шуд ...

Рӯзе фаро хоҳад расид, ки дар баробари ҳар ончи анҷом додаи бозхост хоҳи шуд, ки он ҳамон рӯзи растохез аст. Худованд мефармояд:

{وَوُضِعَ الْكِتَابُ فَتَرَى الْمُجْرِمِينَ مُشْفِقِينَ مِمَّا فِيهِ وَيَقُولُونَ يَا وَيْلَتَنَا مَالِ هَذَا الْكِتَابِ لاَ يُغَادِرُ صَغِيرَةً وَلاَ كَبِيرَةً إِلاَّ أَحْصَاهَا وَوَجَدُوا مَا عَمِلُوا حَاضِرًا وَلاَ يَظْلِمُ رَبُّكَ أَحَدًا}

"Ва нома [-и аъмол дар миён] ниҳода мешавад; пас, гунаҳкоронро мебинӣ, ки аз он чи дар он [нома] аст, тарсон ва нигаронанд ва мегӯянд: «Эй вой бар мо! Ин чи номае аст, ки ҳеҷ [гуфтору рафтори] кӯчак ва бузургро раҳо накардааст, магар инки онро дар шумор

овардааст?» Ва ҳар чи кардаанд, ҳозир меёбанд ва Парвардигорат ба ҳеҷ касе ситам намекунад" (18 / 49)

Худованд ба мо фармудааст, ки ҳар касе Ислом намепазирад ҷойгоҳи ӯ ҷовидона дар дӯзах аст.

Аз даст додани имон ва Ислом осон нест, балки бисёр як амри бузург аст.

{وَمَن يَبْتَغِ غَيْرَ الْإِسْلَامِ دِينًا فَلَن يُقْبَلَ مِنْهُ وَهُوَ فِي الْآخِرَةِ مِنَ الْخَاسِرِينَ }

"Ҳар ки дине ғайр аз Ислом баргузинад, ҳаргиз аз ӯ пазируфта нахоҳад шуд ва дар охират аз зиёнкорон аст" (3 / 85)

Ислом ҳамон динест, ки Аллоҳ ҷуз он дини дигаре намепазирад.

Худованд моро офаридааст ва ба сӯи Ӯ бозмегардем ва ин дунё дори имтиҳон аст.

Яқин дошта бошед: зиндагии ин дунё мисли як хоб кӯтоҳ аст ... ва ҳеҷ кас намедонад кай мемирад!

Посухи ту дар рӯзи қиёмат назди Парвардигор чи хоҳад буд: Чаро аз ҳақ пайравӣ накардӣ? Чаро аз хотами паёмбарон пайравӣ накардӣ?

Рӯзи қиёмат назди Парвардигорат чи посух хоҳӣ дод, дар ҳоле, ки туро аз оқибати куфр ба Ислом ва фарҷоми кофирон, ки ҳалок ва ҷовидонӣ дар дӯзах аст, хабар дода буд?

Худованд мефармояд:

﴿وَالَّذِينَ كَفَرُوا وَكَذَّبُوا بِآيَاتِنَا أُولَئِكَ أَصْحَابُ النَّارِ هُمْ فِيهَا خَالِدُونَ﴾ [2: 39].

"Ва касоне, ки кофир шуданд ва нишонаҳои [қудрату ягонагии] моро дурӯғ пиндоштанд, онон аҳли дӯзаханд ва ҳамеша дар он хоҳанд буд"
(2 / 39)

## Касоне, ки ҳақиқатро тарк намуда аз падарони худ пайравӣ мекунанд узре барояшон нахоҳад буд.

Худованди Мутаъол мефармояд, ки бисёре аз мардум ба сабаби тарс аз муҳите ки дар он зиндагӣ мекунанд, аз ислом овардан худдорӣ мекунанд.

Бисёре аз мардум бинобар майл надоштан ба тағйири эътиқодоте ки аз падарон мерос бурдаанд, ва ба он одат кардаанд, исломро намепазиранд, ҳамон гуна, ки бисёре аз мардум низ ба сабаби таъассуб ва иштиёқ ба ботил ки ба худ мерос бурдаанд аз пазируфтани ислом иҷтиноб меварзанд.

Ҳамаи онон узр ва баҳонае барояшон нахоҳад буд ва назди Худо посух хоҳанд гуфт.

Барои як шахси мулҳид (атеист), ки бигӯяд: ман мулҳид ҳастам ва мулҳид мемонам, зеро дар хонадони мулҳид ба дунё омадаам, узр ва баҳонае буда наметавонад! Балки бояд аз ақле, ки Худо ба ӯ додааст истифода кунад ва дар мавриди азамат ва бузургии замину осмонҳо

бияндешад, ба ҳамон ақл, ки Худованд ба ӯ додааст андеша кунад, ки дунёро Офаридагоре аст. Ҳамчунин ҳар кӣ бут ва санг мепарастад узре барои тақлид аз падаронаш надорад, балки бояд ҳақиқатро ҷустуҷӯ кунад ва аз худ бипурсад: чигуна ман ҷисми беҷонеро бипарастам, ки маро намешунавад ва намебинад ва суде бароям намебахшад?!

Ҳамчунин масеҳие, ки имон ба ончи хилофи фитрат ва ақли солим аст, дорад, бояд аз худ бипурсад: чигуна Худованд писари худро, ки муртакиби гуноҳе нашудааст барои пок шудани гуноҳи дигарон бикушад?! Ин худ як беадолатист! Чигуна мумкин аст инсонҳо писари Худоро ба салиб кашида ба қатл бирасонанд?! Оё Худованд қодир нест бидуни инки иҷозаи қатли писари худро диҳад, гуноҳони инсонҳоро биёмӯрзад? Оё Худованд қодир ба дифоъ аз писараш нест?

Шахси оқил бояд итоат аз ҳақ кунад, на тақлиди нодуруст ва ботил аз гузаштагони худ.

Худованд мефармояд:

﴿وَإِذَا قِيلَ لَهُمۡ تَعَالَوۡاْ إِلَىٰ مَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ وَإِلَى ٱلرَّسُولِ قَالُواْ حَسۡبُنَا مَا وَجَدۡنَا عَلَيۡهِ ءَابَآءَنَآۚ أَوَلَوۡ كَانَ ءَابَآؤُهُمۡ لَا يَعۡلَمُونَ شَيۡـًٔا وَلَا يَهۡتَدُونَ﴾

"Ва чун ба онон гуфта шавад: "Ба сӯи ончи Аллоҳ Таъоло нозил кардааст ва ба сӯи паёмбар биёед", мегӯянд: "Он чи ниёгонамонро бар он ёфтаем, бароямон кофист". Оё агар ниёгонашон

чизе намедонистанд ва ҳидоят наёфта буданд [боз ҳам аз онон пайравӣ мекарданд]?" (5 /104)

## Шахсе мехоҳад ислом бипазирад ва аз наздикони худ метарсад, чӣ кор кунад?

Ҳар кӣ бихоҳад ислом биёварад  аммо аз муҳиту атрофи худ метарсад, метавонад ислом бипазирад ва онро пинҳон кунад, то Худованд барои ӯ роҳе фароҳам кунад, ки сипас битавонад ислому худро ошкор созад.

Бинобарин бояд ба таври фаврӣ ислом бипазирӣ, аммо дар ҳоли хатар аз атрофиён набояд онро ошкор ва аланӣ намоед.

Бидонед, ки вақте шумо мусалмон мешавед бародари миллионҳо мусалмони дигар гаштаед ва метавонед ба масҷид ё маркази исломии ҳамон кишвар дар тамос гашта аз онҳо кумак ва машварат бихоҳед, ки дар ин бобат онҳо низ хушҳол хоҳанд шуд.

Худованд мефармояд:

{وَمَنْ يَتَّقِ اللَّهَ يَجْعَلْ لَهُ مَخْرَجًا وَيَرْزُقْهُ مِنْ حَيْثُ لَا يَحْتَسِبُ}

"ва ҳар кас, ки аз Аллоҳ Таъоло битарсад, роҳи наҷоте барои ӯ қарор медиҳад, Ва ӯро аз ҷое, ки гумон надорад, рӯзӣ медиҳад".

(65 /2-3)

## Хонандаи гиромӣ!

Оё ризояти Худованде, ки туро офарид, Худое, ки ин ҳама неъматро ба ту ато фармуд, ва

замоне ки дар шиками модар будӣ ба ту ғизо дод ва ҳавоеро, ки ҳоло нафас мекашӣ ба ту арзонӣ дошт, барои ту муҳимтар аз ризояти мардум нест?

Оё комёбии дунявӣ ва ухравӣ арзиши қурбонии лаззатҳои зудгузари зиндагиро надорад? Бале, савганд ба Аллоҳ, ки дорад !

Нагузоред гузаштаатон шуморо аз ислоҳи масири иштибоҳ ва анҷоми кори дуруст, боздорад.

Имрӯз ту як мӯъмини ростин бош! Нагузор Шайтон туро аз пайравии роҳи ҳақ боздорад!

Худованд мефармояд:

{يَا أَيُّهَا النَّاسُ قَدْ جَاءَكُمْ بُرْهَانٌ مِنْ رَبِّكُمْ وَأَنزلْنَا إِلَيْكُمْ نُورًا مُبِينًا (174) فَأَمَّا الَّذِينَ آمَنُوا بِاللَّهِ وَاعْتَصَمُوا بِهِ فَسَيُدْخِلُهُمْ فِي رَحْمَةٍ مِنْهُ وَفَضْلٍ وَيَهْدِيهِمْ إِلَيْهِ صِرَاطًا مُسْتَقِيمًا (175) }

"Эй мардум, ба ростӣ, ки барои шумо аз ҷониби Парвардигоратон далели равшан [Муҳаммад] омад ва нури ошкор [Қуръон] ба сӯятон нозил кардем.

Аммо онон, ки ба Аллоҳ Таъоло имон оварданд ва ба он [Қуръон] тамассук ҷустанд, ҳамаро дар раҳмату фазли худ ворид хоҳад кард ва ба роҳи рост ба сӯи хеш раҳнамун мегардонад"

(4 / 174-175)

## Оё барои қабули бузургтарин қарори зиндагии худ омода ҳастӣ?

Агар ҳамаончи гуфтем мантиқӣ аст ва ҳақиқатро дар қалби худ ташхис додаед, пас бояд нахустин гом барои мусалмон шуданро бардорӣ. Оё мехоҳӣ барои беҳтарин тасмими зиндагиат ба ту кумак кунам ва роҳнамоият кунам, ки чигуна мусалмон шавӣ?

Нагузоред гуноҳонатон монеъи воруди шумо ба Ислом шавад. Худованд дар Қуръони карим ба мо хабар додааст, ки агар касе Ислом бипазирад ва ба сӯи Парвардигораш тавба кунад, ҳамаи гуноҳони ӯро мебахшад, ҳатто пас аз гаравидан ба Ислом табиист, ки инсон муртакиби баъзе аз гуноҳон мешавад, зеро башар хатокор аст, на монанди фаришта маъсум аз гуноҳ, аммо ончи аз мо матлуб аст талаби омӯрзиш ва тавба кардан ба даргоҳи Аллоҳ аст. Чун Худованд бубинад, ки дар пазириши ҳақ шитоб кардаед, ислом пазируфта калимаи шаҳодат ба забон овардаед, шуморо дар тарки дигар гуноҳон ёрӣ медиҳад. Ҳар кӣ ба Худо рӯй оварад ва пайравӣ аз ҳақ кунад Худованд ӯро бештар ба сӯи хайр ҳидоят мекунад, пас ҳарчи зудтар ба сӯи Ислом шитобед ва дар пазируфтани он тараддуд накунед.

Далели ончи гуфтем ин фармудаи Худованд аст:

﴿قُل لِّلَّذِينَ كَفَرُوٓاْ إِن يَنتَهُواْ يُغۡفَرۡ لَهُم مَّا قَدۡ سَلَفَ﴾

"[Эй Паёмбар] ба касоне, ки куфр варзиданд, бигӯ, [ки] агар [аз ширк ва душманӣ] даст бардоранд, гузаштаҳояшон бахшида мешавад," (8/38)

## Барои мусалмон шудан чи бояд кард?

Вуруд ба Ислом кори бисёр осон аст ва ба ташрифот ва расму оини хос ва ҳузури касе ниёз надорад, танҳо маънои калимаи шаҳодатро бидонад ва ба он имон дошта онро ба забон биёрад ва бигӯяд: "Ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳ ва ашҳаду анна Муҳаммадан расулуллоҳ" (Гӯвоҳӣ медиҳам, ки нест худои бар ҳақ магар Аллоҳ, Ва гӯвоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад паёмбари Аллоҳ аст). Гуфтани калимаи шаҳодат ба забони арабӣ беҳтар аст, аммо агар барои шумо душвор аст, кофист онро ба забони худ талаффуз кунед ва ҳамин гуна ба Ислом ворид шавед. Сипас бояд ин динро, ки мояи саодат ва хушбахтӣ дар дунё ва наҷот дар охират аст фаро гирӣ.

Барои иттилоъи бештар дар мавриди Ислом ба ин сомона муроҷиа кунед:

Барои омӯхтани наҳваи амал ба Ислом тавсия мешавад, ки ба вебсайти зер ворид шавед:

# Феҳраст


Маро кӣ ва барои чи офаридааст? .... 2
Тамоми офариниш далолат бар вуҷуди Офаридгор мекунад. .... 2
Аллоҳ субҳонаҳу ва Таъоло .... 3
Сифатҳои Парвардигор субҳонаҳу ва Таъоло: .... 5
Парвардигоре, ки мавриди ибодат қарор мегирад бояд дорои сифатҳои камол бошад .... 6
Оё мумкин аст Офаридагор моро бидуни ваҳй гузорад? .. 7
Қуръони Карим .... 10
Чаро шумори паёмбарон зиёд аст? .... 10
Инсон мӯъмин буда наметавонад, магар инки ба ҳамаи паёмбарон имон биоварад. .... 12
Ислом чист? .... 13
Ақидаи мусалмонҳо дар мавриди Исо (Алайҳис-салом) чист? .... 14
Барои мусалмон шудан ба чи ниёз дорам? .... 20
Ислом роҳи хӯшбахтӣ аст .... 21
Ман аз ворид шудан ба Ислом чи суде мебарам? .... 22
Агар дини Исломро напазирам чи чизро аз даст медиҳам? .... 23
Тасмими худро ба таъхир наандозед! .... 24
Касоне, ки ҳақиқатро тарк намуда аз падарони худ пайравӣ мекунанд узре барояшон нахоҳад буд. .... 26
Шахсе мехоҳад ислом бипазирад ва аз наздикони худ метарсад, чӣ кор кунад? .... 28
Хонандаи гиромӣ! .... 28
Оё барои қабули бузургтарин қарори зиндагии худ омода ҳастӣ? .... 30
Барои мусалмон шудан чи бояд кард? .... 31